# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шаропов Фарух Сафолбекович дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст.

Мувофиқи маълумотҳои илмӣ дар кураи замин зиёда аз 370 ҳазор намуди растанӣ месабзад. Ҳар як намуд дорои метаболитҳои дуюмаи махсуси худ мебошад. Ба истиснои ин, як қатор омилҳо ба монанди иқлим, хок, фасли сол, муҳити атроф, пестисидҳо, нуриҳои минералӣ, бемории растанӣ, сину соли он ва ғайраҳо ба миқдор ва сифати метаболитҳои дуюма таъсир расонида метавонанд.

Солҳои охир тараққиёти босуръати илм дар соҳаи маводи табиӣ ва кашфи дору (Natural Products and Drug Discovery) ба мушоҳида мерасад. Шароити илмии ҳозиразамон ба муҳаққиқон имконият медиҳад, ки на танҳо сохти пайвастаҳои табииро таъйид намоянд, балки хосият ва фаъолияти биологии онҳоро низ омӯзанд.

Кори диссертатсионии Ф.С. Шаропов ба омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ, Тоҷикистон, Узбекистон, Олмон, Яман ва Непал мерӯянд, бахшида шудааст. Аввалин маротиба дар миқёси ҷаҳон таркиби химиявии метаболитҳои дуюмаи тезбухоршавандаи растаниҳои *Allochrusa gypsophiloides* Rgl, *Anaphalis virgata* Thomson, *Angelica ternata* Rgl. et Schmalh, *Artemisia leucotricha* Krasch. ex Ladygina, *Artemisia vachanica* Krasch. ex Poljakov, *Cercis griffithii* Boiss, *Ferula clematidifolia* Koso-Pol., *Galagania fragrantassima* Lipsky, *Helichrysum thianschanicum* Regel, *Megacarpaea gigantea* Regel., *Philadelphus purpureomaculatus* Lemoine, *Polychrysum tadshikorum* (Kudr.) Kovalevsk. ва *Salvia discolor* Kunth омӯхта шуданд. Ба муаллиф имкон додааст, ки 662 пайвастаи химиявиро идентификасия намояд, ки онҳо ба синфҳои гуногуни моддаҳои химиявӣ аз қабили карбогидрогенҳо (беҳади қатори этилен ва атсетилен, ароматӣ,

монотерпенӣ, сесквитерпенӣ), спиртҳо, фенилпропаноидҳо, эфирҳои сода, эпоксидҳои монотерпенӣ ва сесквитерпенӣ, алдегидҳо, кетонҳо, лактонҳо, эфирҳои мураккаб, пайвастаҳои дисулфидӣ ва нитрогендор мансуб мебошанд. Натиҷаи муҳими диҷгари кори диссертасионии Ф.С. Шаропов он аст, ки қонунияти вобастагии байни сохт ва фаъолияти биологии метаболитҳои омӯхташударо ошкор кардааст. Натиҷаи *in silico* омӯзиши фаъолияти антиоксидантӣ, зиддибактериявӣ ва зиддисаратонии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои таҳқиқшуда нишон додаанд, ки монотерпенҳои асиклӣ, пайвастаҳои алифатӣ ва сулфидӣ нисбатан хосияти заифтар зоҳир намуда, монотерпенҳои сиклӣ ва монотерпеноидҳо хосияти муътадил; ва сесквитерпеноидҳо ва лактонҳои сесквитерпенӣ хосияти қавӣ зоҳир менамоянд.

Тибқи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки кори диссертатсионии Шаропов Ф.С, ки дар дараҷаи дурусти таҷрибавию назарияви иҷрокарда шудаанд, натиҷаҳо ва шаҳру эзоҳоти онҳо, инчунин хулосаҳои баровардашуда бо эътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона автореферати диссертатсия аз норасоиҳо, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии корро коста намегардонанд. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо чунинанд:

1. Ба микдор ва сифати метаболитҳои дуюмаи растанӣ омилҳои зиёди экологӣ (шароити иқлим, хок, ҳарорат ва ғайраҳо) таъсир мерасонанд, хуб мешуд, агар довталаб ба ин масъала диққати ҷиддӣ медод.

2. Дар кори диссертатсионӣ раванди метаболизми моддаҳои ошкоршуда пешниҳод нагардидааст.

Дар умум, автореферати кори диссертатсионии Шаропов Фарух Сафолбекович дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс

спектрометрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, кори илмии баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои докторӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои химия,
аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ,
ҷонишини директори ТҶ "Тоҷи Нурафшон" Илолов А.И.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 2,
ҳуҷраи 41.
Тел.: (+992) 77 55555 77,
E-mail: ilolov2@gmail.com
«17» 09 соли 2025

Имзои Илолов А.И.-ро тасдиқ мекунам:
директори ТҶ "Тоҷи Нурафшон" Баҳромзода Б.Б.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Айни 84/4.
Тел.: (+992) 988385555,
E-mail: tojinurafshon@gmail.com
«17» 09 соли 2025